**Инкишофи бозӣ дар филогенез**

**Таърихи инкишофи бозӣ ва аҳамияти он дар ҳаёти инсоният**

Дар ҳаёти инсон ва ҷамъият бозӣ мавқеи хосро ишғол мекунад. фарзанди инсон ва ҳайвон дар хурсолӣ бозӣ мекунанд. Инсон ва ҳайвон дар бозӣ чӣ хел рафтор мекунад ва чиро меомӯзад. Бозиҳои инсон ва ҳайвонро муқоиса намуда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Монандӣ- ба воситаи бозӣ ҷисми инкишофёфтаистода ба муҳити гирду атроф мутобиқ мешавад ва ба ҳарду хушҳолӣ, хурсандӣ мебахшад.
2. Фарқият- ҳайвон дар бозӣ таҷрибаи ҳаётиашро васеъ мекунад масалан, таҷрибаи шикорчигӣ.

   Инсон дар рафти бозӣ таҷрибаи иҷтимоӣ меомӯзад. Масалан, дар бозӣ чи гуна амал кардан бо ашё, муносибат карданро омӯхта, ҷисман ҳаракат кардан, ҷаҳидан, паридан, давидан ва ғ. инкишоф меёбад.

Дараҷаи инкишофи ҷамъият дар бозии кӯдакон инъикос меёбад. Бози шакли таърихи мегирад ва муносибати байни синфҳои ҷамъиятиро инъикос мекунад. хусусияти бозиҳои кӯдакон дар ҷамъияти синфӣ дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои иҷтимоиро инъикос мекунад. Асосан дар он давраҳо кӯдакон накши бой ва қамбағалро дар бозӣ меофариданд. Байни мутахассисоне, ки таърихи пайдоиши бозиро дар ҷамъияти инсонӣ омӯхта буданд, андешаҳои гуногуне ба вуҷуд омада буд. Андешае буд, ки гӯё кӯдакон дар бозиҳои худ муносибати иҷтимоиро инъикос намекунанд, балки дар бози талаботи биологӣ, табии (инстингт) инъикос мешавад, яъне духтарҳо дар бозӣ бештар нақши модарро иҷро мекунад, писарҳо- нақши падар, ҷанговар, шикорчӣ ва ғ. иҷро менамоянд.

Сотсиолог, этнограф Маргарит Мид ин ақидаро рад карда нишондод, ки кӯдакон дар бозӣ муносибати иҷтимоии ҷамъияти муайянро инъикос менамоянд. Ӯ қабилаеро мушҳида намуд ва дид, ки дар он писарбачаҳо нақши тарбиятгарро иҷро мекарданд. Духтарҳо бошанд дар бозӣ нақши

деҳқоне, ки дар саҳро замин кишт мекунад онро меофариданд. Ин вазъиятро чунин шарҳ дод. Дар ин қабила мардҳо ба тарбияи насли наврас машғуланд, занҳо ба дарёфти хӯрок дар саҳро аз саҳар то шом кор мекунанд.

Бозӣ дар давраи муайяни инкишофи таърихи инсон пайдо шудааст, ки меҳнати калонсолон на он қадар душвор буд ва кӯдак онро иҷро карда метавонист. Масалан тадқиқотҳои Миклуха Маклай нишон дод, ки дар қабилаи Африка кӯдакон бо ҳамроҳи калонсолон ҳамон як амали меҳнатиро иҷро мекунанд. Яъне барои кӯдакон меҳнат чун бозӣ не, чун ӯҳдадорӣ баромад мекунад. Модар ба кӯдак аз пистон шир медиҳад, кӯдак ки сер шуд ба иҷрои кор шурӯъ мекунад. меҳнат баъдтар барои пайджо шудани бозӣ замина мегузорад.